# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон масъалаи муҳиму рӯзмарраи ташаккули салоҳиятҳои асосии шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон мавзуи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар илми педагогикаи миллӣ дар ин самт арзёбӣ кард.

Муҳаққиқ воставу усулҳои муосири педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда аз он далолат мекунанд.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар якчанд ҷанбаҳои калидӣ таҷассум меёбад: собит карда шудааст, ки шахсияти омӯзгор дар раванди тарбияи манавию ахлоқии донишҷӯён нақши муҳим дошта, таълими омӯзиши

забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ, барои донишҷӯй дунёи наверо мекушояд, ки тавассути он дониши ӯ доир ба одаму олам, равандҳои илмию техникӣ ва дигар зуҳуроте, ки ҷаҳони маънавии ӯро фаро мегиранд, ғанӣ ва мукаммал мегардад; муайян карда шудааст, ки дар раванди таълиму тарбия ва таҳсили доншҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати ташаккули шуури илмӣ ва сифатҳои ахлоқии донишҷӯён, сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо дар баробари дигар фанҳо, омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) низ чун фанни таълимӣ имкониятҳои фаровон дорад; ошкор карда шудааст, ки маҳз норасоии китобҳои дарсии босифат, барномаҳо ва дигар маводи зарурӣ барои муассисаҳои таълимӣ, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, инчунин, таваҷҷуҳи камтар ба таълими забони хориҷӣ боиси паст гардидани шавқу завқи донишҷӯён дар ин самт гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ муайян кардааст, самаранокии усулҳои пешниҳодкардаашро оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тариқи озмоиш тасвибу собит кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки роҳу усулҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ, ки муаллиф коркард ва аз тариқи озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, пешниҳод кардааст, ба ташаккули сифатҳои шахсӣ ва маънавию ахлоқии донишҷӯён бешак мусоидат хоҳанд кард.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ва сифати тарбияи хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳо қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳорро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии

назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ кард. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
декани факултети Варзишӣ
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Файзуллозода Ҳусейн

7.04.2026

**Маълумот барои тамос:**
734003, ҶТ, ш. Душанбе, шаҳраки Лучоб;
Тел: +992 909 88 10 55. E-mail: s.nizomiddin@mail.ru.

*Имзои Файзуллозода Ҳусейнро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ДТҶТ ба номи С. Раҳимов Исоев С.Д.

ШУЪБАИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ